**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
14 октябри соли 2025, таҳти №99

Барои сазовор донистани Исозода Баҳодур Чиллахон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар таърихи 12 июли соли 2025, суратмаҷлиси №88 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудаст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исозода Баҳодур Чиллахон 30 ноябри соли 1983 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2000 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2005 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Аз соли 2006 дар зинаҳои гуногуни ҳокимияти судӣ фаъолият намуда, аз ҷумла аз соли 2011 судя коромӯз, судя, муовин ва муовини якуми раиси суди ноҳия фаъолият карда, айни замон дар мансаби раиси суди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кору фаъолият намуда истодааст. Исозода Баҳодур Чиллахон санаи 26 марти соли 2014 (протоколи №128-05) ба сифати унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, санаи 01 сентябри соли 2019 (протоколи №356-05) онро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудаст.

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода Бахтовар Амиралӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Мансурзода Амиршоҳ Мансур** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Сардори факултети №2-Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова Миҷгона Муборакшоевна – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Абдулхонов Ф.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ, котиби семинар Бозорова С.С. мутахассис-коргузори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Даврон Ҷурахон санаи 28 сентябри соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ки баён гардидаанд тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асоснокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Доир ба мавзуъ ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар

ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исозода, Б.Ч. Значение судебной защиты в системе механизмов защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 71-72. – ISSN: 2414-9217.

[2-М]. Исозода, Б.Ч. Понятие и сущность судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (8). – С. 129-134. – ISSN: 2414-9217.

[3-М]. Исозода, Б.Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 83- 94. – ISSN: 2414-9217.

[4-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 7- 14. – ISSN: 2414-9217.

[5-М]. Исозода, Б.Ч. Шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми 1 – С. 264-271. – ISSN: 2413-5151.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Исозода, Б. К вопросу о понятии судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Материалы Республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 126-129.

[7-М]. Исозода, Б.Ч. Таносуби мафҳуми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 95-101.

[8-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Исторические предпосылки реформирования судебной власти в Республике Таджикистан [Текст] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право,

экономика). – Душанбе, 2023. – С. 178 185.

[9-М]. Сафарзода, Б.А., Исозода Б.Ч. Понятие института защиты прав человека [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

[10-М]. Исозода, Б.Ч. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Қодирзода Ғолиб Нурулло - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сидиқов Дилшод Ахророович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

Муродзода Ардашер - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, чӣ гуна муаллиф ҷойгоҳи меъёрии «мавқеи ҳуқуқии Суди конститутсионӣ»-ро нисбат ба қонун ва санадҳои зерқонунӣ муайян мекунад? Ин савол ба таҳлили мақоми санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дахл дорад ва аз муаллиф даъват мекунад, ки робитаи мантиқӣ ва меъёрии қарорҳои Суди конститутсионӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус Қонун ва санадҳои зерқонунӣ, ба таври возеҳ тавзеҳ диҳад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он

асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** кори диссертатсионии мазкур нахусти пажуҳиши илмӣ оид ба анҷом додани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи назариявии проблемаҳои гуноҳ вобаста ба Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**муайян карда шуд:** ҳокимияти судӣ, бо доштани як қатор хусусиятҳои нодир, ба мисли мустақилият, беғаразӣ, салоҳияти касбӣ ва асоснокии мурофиавӣ, вазифадор аст, ки нақши муассирро дар таъмини адолат ва пойдории тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа иҷро намояд. Вазифаи асосии он ҳимояи инсон аз ҳама гуна зуҳуроти ғайриҳуқуқӣ, аз ҷумла амалҳо ва қарорҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ мебошад.

**пешниҳод шудааст:** Ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми ҷомеаи байналмилалӣ нақши калидиро иҷро менамояд. Аз таҳлили муқаррароти Конститутсияи ҶТ метавон чунин хулоса намуд, ки дар он як қатор муқаррароте ҷой гирифтаанд, ки муайянкунандаи самтҳои асосии ҳимояи судӣ, ҳуқуқу озодиҳои зери ҳимояи судӣ қарордошта, намудҳои дахлдори фаъолияти судӣ, шартҳои дурусти ташкили фаъолияти судӣ ва кафолатҳои амалисозии ҳимояи судӣ мебошанд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳимояи судии ҳуқуқи инсон – ин маҷмӯи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии ба ҳар як шахс, новобаста аз тафовутҳои иҷтимоӣ, ҷинсӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё мансубияти сиёсӣ ва ё асли баромад, вазъи молумулкӣ ва мақоми расмӣ, ҷойи истиқомат ва таваллуд ва ғ. мутааллиқбудае мебошад, имконияти барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё пешгирӣ кардани истифодаи ғайриқонунии меъёрҳои ҳуқуқиро тавассути муроҷиат намудан ба суд, фароҳам меорад.

**исбот шудааст:** як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқаррароти назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҳуқуқи судӣ дар умум ва махсусан нақши ин шохаи ҳокимияти давлатӣ ба таври назаррас мукаммал гардонанд.

**ворид намудани** тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқаррароти назариявӣ ва

амалӣ оид ба моҳияти нақши ҳокимияти судӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Пеш аз ҳама, онҳо барои истифода дар раванди омодасозии таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, ки фарогирандаи пажуҳиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони муосир мебошанд, тавсия мегарданд. Инчунин, нуктаҳои дар диссертатсия матраҳшударо метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», инчунин ҳангоми омода намудани воситаи таълимӣ, маводҳои лексионӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионӣ натанҳо дорои аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқот бо ҳалли вазифаҳои марбут ба муайян кардани сабабҳо ва монеаҳои ташаккулёбии ҳокимияти судӣ, таҳаввулёбии он ҳамчун кафили ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин истифода намудани ҷузъе аз нуктаҳои назариявӣ баҳри такмил ва ислоҳоти минбаъдаи низоми судӣ дар Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, алоқаманд мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи нақши ҳокимияти судӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда асос меёбанд.

**баён шудани** мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти мақоми низоми суди оид ба ҳифзӣ ҳуқуқҳои инсон дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот муайян шудаанд.

**мушаххас гардидани** пажуҳиши ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ ҳангоми вайронкунии ҳуқуқҳои инсон ва нақши суд дар ин самт пешниҳод карда шудаанд.

**омӯхта шуданд, ки** ҳокимияти судӣ, бо доштани як қатор хусусиятҳои нодир, ба мисли мустақилият, беғаразӣ, салоҳияти касбӣ ва асоснокии мурофиавӣ, вазифадор аст, ки нақши муассирро дар таъмини адолат ва пойдории тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа иҷро намояд. Вазифаи асосии он ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аз ҳама гуна зуҳуроти ғайриҳуқуқӣ, аз ҷумла амалҳо ва қарорҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ мебошад

**такмил додани** қонунгузорӣ, ки масъалаҳои гунаҳгории вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамоянд, таҳия ва

пешниҳод кардани асосноккунии назариявӣ оид ба такмили минбаъдаи қонунгузорие, ки масъалаҳои гунаҳгории вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд;

**иҷозат додани** истифодаи тавсифи дақиқи мафҳумҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта, меъёрҳои мушаххаси ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти судҳо бо мақсади ҷорӣ намудани амалияи якхела доир ба татбиқи меъёрҳо оид ба адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки** ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози солҳои 1990-ум маншаъ гирифта, хусусияти низомсозӣ дошт ва ба ташаккули низоми судии миллие равона гардида буд, ки ба принсипҳои волоияти қонун, конститутсионализм, тақсимоти ҳокимият, мустақилияти судҳо ва адолати судии одилона мутобиқат намояд. Табодулотҳои мазкур асосҳои институтсионалӣ ва меъёрии ташаккули ҳокимияти судиро, ки ба принсипҳои давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёд мувофиқ мебошанд, ба вуҷуд овардаанд. Мақсад аз ин ислоҳот, натанҳо азнавсозии институтсионалии низоми судӣ, балки фароҳам овардани замина барои эътиқоди мардум ба адолати судӣ ҳамчун кафили муҳимтарини қонуният, адолат ва амнияти ҳуқуқӣ, маҳсуб меёфт. Тағйиротҳое, ки дар ин марҳила сурат гирифтанд, ба ташаккули унсурҳои муосири шаклҳои демократии амалисозии фаъолияти судӣ мусоидат намуда мавриди истифода қарор гирад.

**муайян карда шудааст,** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ функсияҳои асосии ҳокимияти судӣ дар ҷанбаи татбиқи амалӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс таҳлил карда шуданд. Таснифоти асосноки омилҳое, ки ба дараҷаи самаранокии фаъолияти судӣ дар самти таҳлилшаванда таъсир мерасонанд, гузаронида шудааст. Инчунин дар рисола самтҳои илмии асоснокшудае, ки ба рушди минбаъдаи падидаи ҳокимияти судӣ, инчунин ба тақвияти аҳамияти он дар механизми таъмини кафолатҳои ҳуқуқии шахс бо назардошти хатарҳои мубрам ва динамикаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд нигаронида шудаанд, таҳия карда шудаанд.

**асоснок карда шудааст,** ки навгониҳои илмии натиҷаҳои бадастомада, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда диққати махсус дода шудааст, инчунин аҳамияти назариявии тадқиқот барои рушди соҳаи дахлдори илм ва арзиши амалии он дар ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва раванди таълим ошкор гардидаанд. Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо ва мувофиқати онҳо ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ таъкид карда шудааст, саҳми шахсии муаллиф, маълумот дар бораи санҷиш ва ҷорӣ намудани натиҷаҳо ба

фаъолияти илмӣ ва амалӣ, инчунин маълумот дар бораи нашрияҳое, ки дар онҳо муқаррароти асосии диссертатсия инъикос ёфтаанд, пешниҳод карда шудааст.

**муаррифӣ карда шудаст,** ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ мафҳумҳои ҷудогонае ба назар мерасанд, ки бо ҳам дар алоқамандӣ қарор доранд. Ба онҳо метавон «ҳимояи давлатӣ», «ҳимояи ҳуқуқӣ», «ҳимояи судӣ» ва ғайраро дохил намуд. Муаллиф қайд менамояд, ки мафҳумҳои мазкур дар баъзан маврид ҳамдигарро такрор намуда, дар ҳолати дигар якдигарро муттаҳид ва пурра менамоянд. Ин ҳолат бозгӯкунандаи он аст, ки ҳамаи онҳо аз нигоҳи хусусиятҳои ба табиаташон мутааллиқбуда, ифодакунандаи як падида – институти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатасионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалия асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ ва маводи амалӣ ба даст оварда шудаанд.

**барои корҳои таҷрибавӣ** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводди илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи дақиқ ва ягонаи умумии ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян карда нашудааст. Бо ин мақсад, пешниҳод мегардад, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи алоҳида ворид карда шуда, ҳадафҳои умумии ҳокимияти судӣ дар шакли – «таъмин ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, адолат ва волоияти Конститутсия» муқаррар карда шавад.

**ғоя асоснок шудааст,** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян гардида, камбудиҳои мавҷуда, ки таҳлили минбаъдаи назариявӣ-ҳуқуқиро талаб мекунанд, ошкор карда шуданд; мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқикот, асосҳои назариявии таҳкикот, асосҳои методогии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот муайян карда шуданд.

**муайян шудааст,** ки дар доираи ин таҳқиқот ба дастовардҳои калидии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмин ва ҳифзи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири назаррас расонидаанд, диққат дода мешавад. Ин ислоҳотҳо хусусияти низомӣ доштанд, ки ҳам асосҳои институтсионалӣ ва ҳам соҳаи меъёрию ҳуқуқиро дар бар мегирифтанд, ки ба тағирёбии амиқи низоми суди миллӣ оварда расонд. Дар байни натиҷаҳои муҳимтарин бояд таҳкими конститутсионии принсипи таҷзияи ҳокимият бо эътирофи ҳокимияти судӣ соҳибихтиёр ва мустақил, таъсиси ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ҳамчун ҳадафи афзалиятноки фаъолияти он, тавсеаи салоҳияти судҳо дар самти назорати мақомоти таҳқиқот ва тафтишот, инчунин институтсионализатсияи принсипҳои истиқлолият, волоияти Конститутсия, қонуният ва оммавияти мурофиаи судӣ қайд карда шавад.

**истифода карда шудааст,** ки асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қонунҳо, кодексҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар навовариҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзахониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муайян мегарданд. Илова бар ин, тарзи ифоданамоӣ, таҳлил ва ҳалли мушкилот дар раванди таҳқиқ ва услуби навишти рисола, саҳми шахсии муаллифро бозгӯӣ менамоянд. Инчунин, пажуҳишгар тавассути мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон пешниҳодҳо манзур намудааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 14 октябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Исозода Баҳодур Чиллахон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктомони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Чунончи, дар протоколи маҷлиси Шуро қайд гардида буд академик Маҳмудзода М.А. ва профессор Муртазозода Ҷ.С. ба Шуро ҳозир гардидан. Дар ин хусус дар асоси банди 107 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267, котиби илмии Шуро

огоҳ карда шуда, дар варақаи ҳузурияти аъзои Шуро сабт гардидааст. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

14 октябри соли 2025